«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
д.и.т., профессор ______________ Ибодуллозода А.И.
«_28_» ______08______ соли 2026

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи унвонҷӯ Раҳмонзода Наргис Раҳмон дар мавзуи «Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо» барои дарёфти дараҷаи номзадии илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика 5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Раҳмонзода Наргис Раҳмон дар мавзуи «Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо» барои дарёфти дараҷаи номзадии илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика 5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ мутобиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар шароити муосир рушди соҳаи маориф ва талаботи ҷомеа баланд бардоштани сифати таълим, азхудкунии дониши устувор, инчунин ташаккули маҳорату малакаи хонандагон қарор дорад. Дар ин раванд, ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон бо ёрии калима ва таъбирҳо яке аз масъалаҳои муҳими методикаи таълими забони тоҷикӣ маҳсуб мешавад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқоти Раҳмонзода Наргис Раҳмон аз он бармеояд, ки замина, ташаккули маҷмуи дониш, маҳорат ва малакаҳои маърифатию зеҳнӣ вазифаи бунёдии муассисаҳои таълимӣ маҳсуб ёфта, раванди таълим бояд аз доираи усули анъанавӣ ба фаъолияти мақсадноки маърифатӣ, яъне дар асоси муносибати босалоҳият аз назария ба амалия гузарад. Дар китобҳо ва барномаҳои дарсӣ ҷудо кардани соатҳо барои рушди салоҳияти иртиботии хонандагон тавассути калима ва таъбирҳо нокифоя аст.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ ва методӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Сохтори умумии кор, масъалагузориҳои мушаххаси илмӣ, мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои асосии масоили

таҳқиқшаванда, навгониҳои таҳқиқ ва аҳаммияти назариявию амалии он, инчунин нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаю натиҷагириҳои муаллиф нақш ва нуқтаи назари бевоситаи шахсии ӯро таъкид менамоянд. Саҳми шахсии диссертант, ҳамзамон, дар омӯзиши назарияҳои донишмандони муосири ватаниву хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳс, омода намудани мақолаву маъруза ва нашри монография, дастури таълимӣ доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад. Диссертатсия дар асоси истифодаи методҳои гуногуни таълим, ба мисли мушоҳида, муқоиса, тавсиф, таҳлил таълиф шудааст. Инчунин, дар ҷараёни таҳқиқ методи оморӣ низ ба кор гирифта шудааст. Муаллифи диссертатсия бо такя ба маводди фаровони пажуҳишӣ ва луғатномаю донишномаҳо муҳимтарин хусусиятҳои калима ва таъбирҳоро таҳқиқ намуда, мавқеи онҳоро дар ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Раҳмонзода Наргис Раҳмон бо як равиши хуби илмӣ иншо шуда, дар он хусусиятҳои истифодаи калима ва таъбирҳо бо тобишҳои маъноии гуногун ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Натиҷаҳои бадастомада гувоҳи онанд, ки интихоби мавзуъ ва равиши баррасии илмиву методии он дуруст пайгирӣ шудааст.

**Дараҷаи асоснокkунии гузоришҳои илмӣ, хулосаву пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Кори диссертатсионии Раҳмонзода Н.Р. дар такя ба маводди осори назариявии методӣ дар самти калима ва таъбирҳо рӯйикоромада ва осори илмию назаривӣ ва таълимии макотиби миёна таҳия гардида, мавзуи таҳқиқ бо такя ба ин манобеъ матраҳ шудааст. Метавон гуфт, ки гузоришҳои илмии муаллиф ва хулосаву пешниҳодҳои ӯ дар раванди таълими забони тоҷикӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳияву таҳқиқи дастурҳои методӣ, мақолаҳои илмӣ, дорои аҳаммияти хосса мебошад.

Маводи нашрнамудаи муаллиф ва гузоришҳои дар конфронсҳои сатҳи гуногун ироагардида нишон медиҳад, ки андешаҳои илмӣ ва натиҷагириҳои аз таҳқиқ бадастовардаи муаллифи диссертатсия комилан далелнок аст.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Дар таҳияи методикаи аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва аз лиҳози таҷрибавӣ санҷидашудаи ташаккули салоҳияти иртиботӣ дар раванди омӯзиши калима ва таъбирҳо аз ҷониби хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, адабиёти илмӣ оид ба педагогика, методикаи таълими забони тоҷикӣ, забоншиносӣ, равоншиносӣ, амсилаи методӣ, ки раванди азхудкунии маъноҳои калима ва таъбирҳоро бо вазъияти воқеии муошират пайваст мекунанд, ба риштаи таҳлил кашида шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти диссертатсияи унвонҷӯ Раҳмонзода Н.Р. дар он аст, ки методикаи омӯзиши воҳидҳои луғавӣ бо мақсади ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагони МТМУ санҷида ва татбиқ, матнҳо барои омӯзиши нақши воҳидҳои луғавӣ дар ташкили матн пешниҳод ва намунаи нақшаи тавзеҳии дарсҳо оид ба методикаи забони тоҷикӣ пешниҳодшуда таҳия гардидааст. Муқаррароти назариявии диссертатсияро метавон ба лексияҳо, машғулиятҳои амалӣ ва семинарӣ дар донишгоҳҳои педагогӣ дохил кард, инчунин ҳангоми омода кардани курсҳои махсус дар факултетҳои филологии муассисаҳои олии педагогӣ ва миёна ва курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон истифода кардан мумкин аст. Маводди амалии таҳқиқотро метавон ҳамчун маводди дидактикӣ ҳангоми таълими фасли калима ва таъбирҳо, дар тавсияҳои методӣ ба фанни забони тоҷикӣ, барои такмили барнома, таҳияи китобҳои дарсӣ ва дастурҳо истифода бурд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар дараҷаи ҳаллу фасли нуктаҳои баррасигардида, бардоштҳои аз пажуҳиш бадастомада, ки дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводди конференсияҳои илмию амалии сатҳи ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ, инчунин дигар маҷмуаҳои илмӣ ба нашр расидаанд, собит мегардад.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Муаллифи диссертатсия дар партави бардоштҳо аз андешаҳои пажуҳишгарони ватанию хориҷӣ, осори таҳқиқотии анҷомёфта ва дигар манобеи илмӣ заминаҳои амалию назариявии таҳқиқи диссертатсиониро мушаххас намуда, нахустин маротиба дар равишшиносии тоҷик таълими калима ва таъбирҳо дар дарси забони тоҷикӣ таҳқиқ ва аз таҷрибаву озмоиши педагогӣ гузаронида шуд.

Самаранокии омӯзиши воҳидҳои луғавӣ ва таъбирҳо дар МТМУ дар асоси муносибати босалоҳият дар таҷриба исбот карда шуд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Муҳтавои асосии диссертатсия дар 20 мақола, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд ва пурра натиҷаҳои диссертатсияро фаро мегиранд. Теъдоди маводди чопшудаи диссертант ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи унвонҷӯ Раҳмонзода Наргис Раҳмон дар мавзуи «Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ комилан мувофиқ буда, таҳқиқоти мукаммали амҷомёфта мебошад.

Диссертатсияи Раҳмонзода Н.Р. аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, се боб, бо фаслҳову зерфаслҳо, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат буда, ба талаботи илмии диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ҷавобгӯ мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия доир ба мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, манбаъҳо, ихтисораҳо, асосҳои назарӣ ва методологии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқ, навгонии илмиву тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ маълумот пешниҳод шуда, муҳиммияти мавзуи таҳқиқ ва объекту предмети он мушаххас карда шудааст. Ҳаҷми умумии он 183 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

**Дар муқаддима** аҳаммияти мавзуи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он арзёбӣ гардида, объекту мавзуи таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назарию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назарию амалии он муайян карда шудаанд.

Боби аввали диссертатсия **«Ҷанбаҳои назарии ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими воҳидҳои луғавӣ»** ном дошта, асосҳои забоншиносӣ, заминаҳои илмию назариявии салоҳияти иртиботӣ, принсипҳо ва марҳалаҳои ташаккули онро дар бар мегирад.

Ҳар як забон хусусиятҳои худро дорад, агар мо онро дуруст муайян карда натавонем, дар забономӯзӣ ба мушкилот дучор мешавем.

Масъалаи таълими калима ва таъбирҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо низоми муайян ба роҳ монда мешавад, ки дар забоншиносии муосир аз асри XX тасдиқ ва дар самтҳои гуногун дар айни замон рушд меёбад (Қ.Тоҳирова, В. В. Виноградов, Д. Н. Шмелёв, Л. А. Новиков, Н. М. Шанский, Г. А. Золотова, Н. Маъсумӣ, А. Зоҳидов, Қ. Тоҳирова, Ҳ. Маҷидов, М. Муҳаммадиев, Ю. Нурмаҳмадов, З.Қурғонов, Ш.Ҳакимова, Г.Маҳкамова, Б. Маҳкамова, Ш. Раҳматов ва дигарон) барои ташаккули назарияи лексикологӣ дар забоншиносии тоҷик аҳаммияти бунёдӣ доранд. Таҳқиқи калима ҳамчун воҳиди асосии забон аз солҳои 20-30-юми асри гузашта ба таври махсус фаъол гардида, пеш аз ҳама, бо корҳои забоншиносон В. В. Виноградов, Л. В. Шерба, Г. О. Винокур ва дигарон

алоқаманд аст, ки барои консепсияи муосири калима ҳамчун асоси забоншиносии таълими лексикология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ низ таваҷҷуҳи зарурӣ дорад.

**Боби дуюм «Методикаи таълими калима ва таъбирҳо дар асоси стандарт, барнома ва китобҳои дарсӣ»** боби меҳварии таҳқиқот маҳсуб ёфта, таҳлили стандартҳо, масъалаҳои умумии таълими воҳидҳои луғавӣ, роҳҳои ташаккули салоҳияти иртиботӣ ва ҷанбаи услубии омӯзиши воҳидҳои забониро дар бар мегирад. Дар ин боб ҷадвалҳои муҳими таҳлилӣ оид ба роҳҳои мураккабшавии салоҳияти иртиботӣ ва таснифи мафҳумҳои лексикӣ оварда шудаанд.

Дар низоми муносибати амалӣ ба омӯзиши грамматика, ғоя ва мазмуни иртиботии таҳсилот мақоми меҳвариро ишғол мекунад. Ин раванд тақозо менамояд, ки муҳтавои таълим бар ниёзҳои воқеии нутқии муҳассилин асос ёфта, ба ташаккули салоҳиятҳои иртиботӣ нигаронида шавад. Ҳадафи ниҳоии таҳсилоти забонӣ дар ин марҳала на танҳо азхудкунии қоидаҳои назариявӣ, балки ташаккул ва тарбияи муносибати шахсии хонанда ба забон ҳамчун воситаи асосии маърифатӣ ва иҷтимоӣ маҳсуб меёбад.

**Боби сеюм** «Корҳои озмоишию таҷрибавӣ оид ба ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон дар раванди таълими калима ва таъбирҳо» натиҷаҳои таҳқиқоти 4-солаи муаллифро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилояти Суғд фаро мегирад. Дар ин боб озмоишҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда ба таври муфассал таҳлил шуда, самаранокии методикаи пешниҳодшуда бо омор ва ҷадвалҳои қиёсӣ (то ва баъди таҷриба) исбот гардидааст.

Асоси арзёбиро маҷмуи корҳои санҷишӣ дар шакли тестӣ-эҷодӣ ташкил медиҳанд, ки барои синфҳои 5-7-11-ум таҳия шудаанд ва ҳар як супориши ин маҷмуа ба яке аз зинаҳои асосии ташаккули салоҳиятҳо нигаронида шуда, аз шинохти маънову мафҳумҳо ва тафсири мустақилона то маҳорати кор бо луғатҳои тафсириро фаро мегирад. Таҳлили натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳад, ки на танҳо ҷанбаҳои миқдорӣ фоизӣ, балки тағйироти сифатӣ дар тафаккури забонии хонандагон ва қобилияти онҳо дар истифодаи мавридшиносонаи воҳидҳои забонӣ дар раванди муошират муайян карда шавад.

Самти асосии усули муосири забони тоҷикӣ - ҷустуҷӯйи роҳҳои инкишофи нутқи хонандагон, ташаккули шахсияти босалоҳият мебошад. Дар ин робита, омӯзиши калима ва таъбирҳо ҳамчун воситаи рушди малакаҳои нутқ ва тафаккур хеле муҳим аст. Таҷриба дар тули чор сол дар синфҳои 5-7 ва 11-уми МТМУ №12 ба номи Алоуддин Бобоев, № 6 ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии шаҳри Хуҷанд, №15-и ноҳияи Бобоҷон Ғафурови

вилояти Суғд, ки ба ҳайси муассисаҳои таҷрибавӣ интихоб шуда буданд, бо иштироки омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик гузаронида шуд.

Таҳқиқоти мазкур бо коркарди низоми мукаммал ва амсилаи илман асосноки калима ва таъбирҳо посухи саривақтӣ ба эҳтиёҷоти низоми таҳсилоти босалоҳияти кишвар мебошад.

Муаллифи диссертатсия баъди таҳлили гурӯҳи калима ва таъбирҳои ҳар як фасл маълумоти омории онҳоро қайд намуда, дар охири бобҳо натиҷагирӣ ва хулосаҳои мушаххас пешниҳод намудааст.

Хулосаи диссертатсия фарогири масоили дар бобу фаслҳо баррасигардида буда, вазифаҳои дар назди таҳқиқ гузошташуда пурра ҳаллу фасл гардидаанд. Натиҷагириҳо мазмуну муҳтавои диссертатсияро ба тариқи фишурда дар бандҳои ҷудогона фаро гирифта, вобаста ба ҳар як масъалаи мубрами таҳқиқ назари мушаххаси муҳаққиқ оварда шудааст ва ҳар бобу фасли таҳқиқоти диссертатсионӣ бо хулосаҳои амиқу мушаххаси илмӣ дар доираи 11 банд натиҷагирӣ гардида, масъалаҳои матраҳшуда аз нуқтаи назари илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Тавсияҳои муаллифи диссертатсия низ муҳим ва фарогир буда, татбиқи амалии онҳо ба таври мушаххас нишон дода шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Раҳмонзода Наргис Раҳмон дар мавзуи «Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика 5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра мутобиқат менамояд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб – Раҳмонзода Наргис Раҳмон дар мавзуи «Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо» барои дарёфти дараҷаи илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика 5.3.5.3.– Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

**Таҳқиқи диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки** дорои сохтори ягона ва низоми мантиқӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона таълиф шудааст. Хусусан мулоҳизаҳои шахсӣ, масъалагузорӣ, ва истифода аз равишҳои илмӣ зимни таҳлилу таснифи моддаҳои луғавӣ, ки дар кор дида мешавад, нишондиҳандаи саҳми шахсии муаллиф мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда диссертатсия ва автореферат аз камбудиву

норасоиҳо холӣ нест ва зикри онҳо барои таҳлилу такмили таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Муаллиф таҷрибаи педагогиро асосан дар синфҳои 5, 7 ва 11 гузаронидааст. Бо вуҷуди ин, таҳлили муқоисавӣ ва робитаи байнисоҳавӣ дар синфҳои дигар (6, 8, 9 ва 10) метавонист пурратар сурат гирад, зеро гузариш аз зинаи таҳсилоти асосӣ ба миёна хусусиятҳои хоси худро дорад.

2.Дар қисми пешниҳодҳо ва натиҷаҳои таҳқиқот ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, луғатҳои электронӣ ва замимаҳои мобилӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир шудааст. Аммо дар заминаи воқеии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (махсусан дар минтақаҳои дурдаст) масъалаи таъминоти моддӣ-техникӣ ва омодагии рақамии баъзе омӯзгорон мушкил дорад, ки ин ҷанба дар қисми амалии кор метавонид мувозинати бештар дошта бошад.

3.Дар қисми омории таҷриба сатҳи ташаккули салоҳиятҳо асосан бо фоизҳо ва ҷадвалҳои қиёсӣ нишон дода шудааст. Муаллиф метавонист меъёрҳои мушаххаси равоншиносӣ ё маводди дақиқтари амалиро барои ҳар як сатҳи салоҳият (паст, миёна, баланд) боз ҳам равшантар тавсиф намояд.

4.Хуб мебуд агар дар рисола банди махсус оид ба роҳу усули луғатомӯзӣ, тарзи шарҳу баёни вожаҳои душворфаҳм мавриди ҳалу фасл қарор мегирифт.

5.Дар матни рисола ва автореферат ҷо-ҷо хатоҳои техникӣ, китобатӣ ва имлоӣ дучор мешаванд, ки ислоҳи он ба беҳбудии кор аст.

Бояд зикр кард, ки норасоиву ғалатҳои зикргардида ба арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ягон халал ва ё монеа ворид намесозанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Раҳмонзода Наргис Раҳмон дар мавзуи «Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо» кори мукаммали илмӣ буда, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика 5.3.5.3 – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 5.3. Педагогика 5.3.5.3 – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Холбобоева Хосият Боймуродовна омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (Протоколи № 1 аз «25» августи соли 2026-ум).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 12 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 12 нафар; зид – нест; бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири кафедраи методикаи таълими
забон ва адабиёт Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир

**Эксперт:**
номзади илмҳои педагогӣ
дотсенти кафедраи методикаи
таълими забон ва адабиёт Холбобоева Хосият Боймуродовна

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент Турсунова Мунаввара Азамовна

**«Имзоҳои Қосимӣ С.А., Холбобоева Х.Б. ва Турсунова М.А.-**ро **тасдиқ мекунам»:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Қодирзода Сайвалӣ

**Суроға:** 734003, ш. Душанбе,
Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 121
**E-mail:** info@ tgpu.tj
WWW: www. tgpu.tj; Тел.:+992 (37) 224 13 83

«28» 08 соли 2026